Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба афторефереги Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он», ки барои дарёфти дараҷаи илм - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Рисолаи номзадии Раҳимзода М.С, дар мавзӯи **«Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он»** дар замони муосир ниҳоят мубрам мебошад. Зеро, чуноне муаллиф зикр менамояд: «Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ягона ва мукаммали ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки самараи хуб дошта бошад, ҳанӯз ташаккул наёфтааст ва дар адабиёти ватанӣ масъалаҳои зикршуда ба таври васеъ коркард нашудаанд. Бинобар ин, камчинии рисолаву мақолаҳои илмию назариявии ватанӣ ва амалияи начандон зиёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ тақозо менамояд, ки дар ин мавзӯъ тадқиқоти илмии маҷмӯавӣ гузаронида шавад. Аз он ҷумла, аз лиҳози назарӣ ва қонунгузориву татбиқи он масоили муайян намудани заминаҳои таърихиву ҳуқуқӣ, таъйиноти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳуму моҳият, муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба ҳангоми зарурияти татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ, ба миён меоянд, доираи субъектоне, ки дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ ниёз ба ҳимояи давлатӣ пайдо мекунанд, доираи субъектоне, ки дар амалӣ намудани чораҳо масъуланд, мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо, ниҳоят муҳим арзёбӣ мешаванд».

Аз мазмуни автореферат чунин бар меояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро хуб тарҳрезӣ намуда, тибқи он тадқиқоти илмиро анҷом додааст. Рисола аз 3 боб ва 8 зербоб иборат мебошад. Дар боби якуми рисола – **«Тавсифи умумии химояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» зикр гардидааст, ки перомуни** таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тадқиқот бурдааст. Дар боби дуюм – **«Субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** оид ба

масъалаҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд ва мақомоти татбиққунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ диққати махсус додааст. Дар боби сеюми рисола «**Намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки дар доираи он мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ ва асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз назари илмӣ таҳлил шудаанд.

Навгониҳои рисолаи илмии Раҳимзода М.С., дар он ифода меёбанд, ки он нахустин таҳқиқоти илмии маҷмӯавӣ оид ба ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад (саҳифаҳои 13-16-и афтореферат).

Навгониҳои дар рисола зикргардида қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Хусусан дар банди якуми он муаллиф заминаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро илман асоснок, бонизом ва мантиқан дуруст тавсиф намудааст, ки аз паҳлуии мусбии рисолаи илмии муҳаққиқ шаҳодат медиҳад (саҳифаи 13-и афтореферет).

Муаллиф дар банди дуюми навгониҳо чунин зикр менамояд, ки: «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чун унсури таркибии принсипи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс буда, баёнгари мазмуни томи он ба ҳисоб меравад, вале КМҶ ҶТ масоили таъмини пурра ва ҳаматарафаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро танзим наменамояд» (саҳифаи 13-и афтореферат).

Андешаи муаллиф оид ба он ки падидаи мазкур ҷузъи таркибии принсипи мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад, ба рисолаи илмӣ тобиши фаннӣ ва илмӣ дода, яке аз паҳлуҳои мусбии рисола ба ҳисоб меравад.Ҳамзамон, навгониҳое, ки дар рисола дида мешаванд дар илми мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳодҳои нав ба шумор мераванд ва онҳоро метавон гуфт, ки чун як маҷмӯаи илмӣ чӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва чӣ дар амалияи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ истифода намуд.

Ҳарчанд дар автореферат муҳтавои мухтасари диссертатсия инъикос гардида бошад ҳам, аммо дар он метавон мазмуни асосии рисолаи М.С. Раҳимзодаро дарёбем. Дар рисолаи илмӣ аввал масоили умумӣ баъд масъалаҳои мушаххас мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф, ҳангоми тадқиқоти илмии хеш аз адабиёти ватанию хориҷӣ ва қонунгузорӣ фаровон истифода бурда, рисоларо дар сатҳи касбӣ ва муаллифона омода намудааст.

Дар маҷмӯъ, хулосаю пешниҳодҳои илмии муаллиф асоснок ва қобили дастгирӣ мебошанд ва метавонанд, ки оянда барои рушди илми ватанӣ

саҳмгузор бошанд.

Рисола натанҳо аҳамияти илмӣ, инчунин аҳамияти амалӣ низ дорад, зеро дар он хулосаҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи он пешниҳод гаштаанд (саҳифаҳои 15-16-и афтореферат).

Муаллиф доир ба мавзӯъ 12 мақола чоп намудааст, ки онҳо мазмун ва муҳтавои рисоларо ифода менамоянд.

Дар рисола услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода гардидааст ва асосҳои назариявию амалӣ ба назар гирифта шудаанд.

Дар рисола гарчанде шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқанд ва ба талаботҳои навиштани рисолаи илмӣ ҷавобгӯянд, аммо ҳанӯз ҳам баъзе ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар навгонии чорум муаллиф дар баробари субъектоне, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд боз шахсони зеринро пешниҳод намудааст: шахсоне, ки қаблан вазъи мурофиавии ҷиноятии яке аз иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро дошта, вале онро бо тартиби муайяннамудаи қонун аз даст додаанд (судя, прокурор, сардори воҳиди тафтиш ва муфаттиш, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда, химоятгар, коршинос, мутахассис ва монанди инҳо, ки мутобиқи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ минбаъд рад карда шудаанд ё мақоми хешро ҳамчун субъекти мурофиаи ҷиноятӣ аз даст додаанд (аз кор озод шудан, истеъфо додан ва ғ.))» (саҳифаҳои 13-14 афтореферат). Ба назари мо доираи субъектоне, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи татбиқ мегарданд аз ҷониби муаллиф васеъ нишон дода шудааст.

2. Дар саҳифаи 12 автореферат муаллиф ба мафҳуми ҳимояи давлатӣ дар баробари ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ва молу мулк инчунин шаъну шараф, обрӯйро ба объекти татбиқи ҳимояи давлатӣ мансуб донистааст. Дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» танҳо ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ва молу мулк пешбинӣ гардидааст, шаъну шараф, обрӯ бошад дар мазмуни он дида намешавад.

Эродҳо ва андешаҳое, ки қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифонаи худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад.

Муаллиф оид ба натиҷаҳои ба дастомада хулосаҳои худро баён намудааст, ки он метавонад барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан илми мурофиаи ҷиноятӣ саҳми сазовори худро гузорад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Рахимзода

Мӯъмин Сайфулло ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти хосса дорад.

Диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ муаллифона анҷом дода шуда, дорои низом ягонагӣ ва пайдарҳамии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ нав буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Дар маҷмӯъ бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Рахимзода Мӯъмин Сайфулло **дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он»** тадқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омада, масъалаҳои аниқи илмиро ҳал намудааст. Муаллифи диссертатсия Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ сазовор мебошад.

Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33
Тел.: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

«Имзои Ғафурзода А.Д.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуалимзода И.И.